# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

Дар бораи ворид намудани таљйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, № 93

Мутобиқи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Номгӯи техникаи таъиноти кишоварзӣ, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаи технологиро ташкил дода, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд ва аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод мегарданд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, № 93 "Дар бораи Номгӯи техникаи таъиноти кишоварзӣ, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаи технологиро ташкил дода, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд ва аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод мегарданд" тасдиқ гардидааст, дар таҳрири нав тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 28 июли соли 2017 № 368

Замима

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 28 июли соли 2017, № 368

тасдиқ шудааст

Номгӯи

техникаи таъиноти кишоварзӣ, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти

такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаи технологиро ташкил дода, ба

Ҷумҳурии Тоҷикистои ворид мешаванд ва аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда

ва боҷи гумрукӣ озод мегарданд

| № | РАМЗИ ИМ ФИХ | Номгӯи таҷҳизоти технологӣ |
|---|---|---|
| 1 | 8402<br><br>(ғайр аз<br>8402 19 100<br>8402 19 900 | Дегҳои буғӣ ё дигар дегҳои буғистеҳсолкунанда (ғайр аз дегҳои обии маркази гармидиҳӣ, инчунин қобили истеҳсоли буғи фишори паст); дегҳои оби гарм: |
| 2 | 8404 | Таҷҳизоти ёрирасон барои истифодабарӣ бо дегҳои мавқеи молии 8402 ё 8403 (масалан, экономайзерҳо, буғгармкунак, рафъкунандаи сиёҳии дег, рокуператори газӣ); конденсаторҳо барои дастгоҳҳои буғию обӣ ё дигар дастгоҳи бо ҳаракатоварии буғӣ: |
| 3 | 8407 90 800 0 | Муҳаррикҳои  дарунсӯз бо шуълапоши даргиронӣ бо<br>даврзан ё ҳаракати бозгаштдори мустақимулхати поршен:<br>барои иктидори на зиёда аз 10 кВт |
| 4 | 8408<br>8408 20 100 0<br>8408 20 310 1<br>8408 20 350 1<br>8408 20 370 1 | Муҳаррикҳои дарунсӯзи поршендор бо даргирондан аз фишурдан (дизелӣ ё иимдизелӣ):<br>- муҳаррикҳо, ки барои дар ҳаракат даровардани воситаҳои нақлиёти гурӯҳи 87 истифода бурда мешавад: |
| 5 | 8409 99 000 1 | Қисмҳо, таъйиншуда махсусан ё асосан барои муҳаррикҳои мавқеи молии 8407 ё 8408:<br>--- барои муҳаррикҳо, таъйиншуда барои саноати васлкунии воситаҳои наклиёти моторгор мавқеи моли 8701-8705, қисмҳо ва агрегатҳои онҳо |
| 6 | 8413 | Насосҳои моеъҳо бо харҷченкунак ё бе онҳо; асбобҳои болобардори |
| 7 | 8414 80 750 0 | Насосҳои ҳавоӣ ё вакуумӣ, компрессорҳои ҳавоӣ ё газӣ ва ҳавотозакунакҳо; сарпӯшҳои ҳавотозакунӣ ё кашандаи ресиркулятсионӣ ё ҷевон бо ҳавотозакунак, бо обполо ё беобполо:<br>---- компрессорҳои печдор |

| | | |
|---|---|---|
| 8 | 8415 81 001 0 | Дастгоҳҳо барои тозаву сардкунандаи ҳаво, таҷҳизоти муҳаррикдори ҳавотозакунӣ ва асбобҳо барои тағйир додани ҳарорат ва намнокии ҳаво, аз ҷумла кондитсионерҳо, ки дар онҳо намӣ набояд алоҳида танзим шавад:<br>- - - саноати кондитсионерҳо бо танзими автоматии ҳарорат ва намӣ барои нигоҳ доштани микроиқлим дар бинои истеҳсолии махсус |
| 9 | 8416<br>(ғайр аз | Сархонаи аловмонӣ барои оӯзишвории моеъ, сӯзишвории сахти майдакардашуда ё барои газ; оташдони механикӣ, аз ҷумла панҷараи оташдони механикии он, хокистаркашакҳои механикӣ ва дастгоҳҳои |
| 10 | 8417<br>(гайр аз 8417 90 | Кӯраҳо ва оташдонҳои саноатӣ ё лабораторӣ, аз ҷумла оташдонҳои ахлотсӯзонанда, ғайрибарқӣ: |
| 11 | 8419<br>(ғайр аз 8419 81 8419 90) | Мошинҳо, таҷҳизоти саноатӣ ё лабораторӣ бо тасфиши барқӣ ва ғайрибарқӣ (бо истиснои оташдонҳо, камераҳо ва таҷҳизоти дигари мавқеи молии 8514) барои коркарди мавод дар ҷараёни тағйирёбии ҳарорат, ба мисли тафсонидан, ҷӯшондан, зирбондан, софкорӣ, безараргардонӣ, пастеризатсия, буғдиҳӣ, хушккунӣ, ҳаводиҳӣ ё хунуккунӣ, ба ғайр аз мошинҳо ва таҷҳизоти ба сифати маишӣ |
| 12 | 8420<br>(ғайр аз | Каландрҳо ё дигар мошинаҳои ноустувор, ғайри мошнн барои коркарди филизот ё шиша ва павардҳо барои онҳо: |
| 13 | 842111000 0 | Сентрифуга, аз ҷумла хушккунаки марказгурез; тачҳизот ва дастгоҳҳо барои полоиш ё тоза кардани моеъҳо ё газҳо: |
| 14 | 8421 22 000 0 | - - барои полоиш ё тоза кардани нӯшокиҳо, ғайри об |
| 15 | 8421 39 200 1 | - - - - бо ҷамъ кардани партовҳои истеҳсолоти ресандагӣ |
| 16 | 8421 39 600 0 | - - - - ба воситаи равиши катализӣ (барои кандан ва коркарди нафту газ истифода бурда мешавад) |
| 17 | 8421 39 800 2 | - - - - - ҷудокунакҳо барои тоза кардани газҳои нафтӣ, ҷудокунакҳо барои тоза кардани ҳам газҳои нафтӣ ва ҳам нафт (барои кандан ва коркарди нафту газ истифода бурда мешавад) |
| 18 | 8422<br><br>8422 30 000 | Мошинаҳои зарфшӯӣ; таҷҳизот барои шустушӯ ё хушккунии шиша ё дигар зарфҳо; таҷҳизот барои пур кардан, бастани даҳони шишаҳо, банка, маҳкам кардани қуттиҳо, халтаҳо ё зарфҳои дигар, барои муҳр кардани онҳо ё тамғазанӣ; таҷҳизот барои сарпӯши маҳкамкунаки герметикӣ ё сарпӯши шиша, банка, лӯлача ва зарфҳои монанд; таҷҳизот барои бастабандӣ ё печондан (аз ҷумла, таҷҳизоти печонидани мол бо масолеҳи бастабандии ҳароратнишонӣ), дигар; таҷҳизот барои газнок кардани нӯшокиҳо: |

| | | |
|---|---|---|
| | (ғайр аз 8422 30 000 1) | - таҷҳизот барои пур кардан, бастани даҳони шишаҳо, банка, маҳкам кардани қуттиҳо, халтаҳо ё зарфҳои дигар, барои муҳр кардани онҳо ё тамғазанӣ; таҷҳизот барои<br>- сарпӯши маҳкамкунаки герметикӣ ё сарпӯши шиша, банка, лӯлача ва зарфҳои монанд; таҷҳизот барои газнок кардани нӯшокиҳо: |
| 19 | 8422 40 000 | -дигар таҷҳизот барои бастабандӣ ё печондан (аз ҷумла таҷҳизот барои печондани мол бо масолеҳи бастабандии ҳароратнишонӣ): |
| 20 | 8424 81910 0 | Таҷҳизоти механикӣ (бо идоракунии дастӣ ё бе он) барои андохтан, пошидан ва тақсимкунии моеъҳо ё хокаҳо; оташхомӯшкунакҳои пуркардашуда ё пуркарданашуда; дастгоҳи пошанда ва дастгоҳҳои монанд; фаврақдами буғӣ<br>ё регпошӣ ва дастгоҳҳои ҳаводиҳандаи монанд:<br>- - - - - пошандаҳо ва тақсимкунакҳои хокаҳо, ки дар тракторҳо насб |
| 21 | 8425 39 000 2<br>8425 39 000 5 | Танобҳои ғаргараи болобардорӣ ва мошинӣ болобардор, ғайри мошинҳои болобардори фишорӣ; ғаргараи борбардорӣ ва кабестанҳо; домкратҳо:<br>- - - - ғарғараи борбардории дастгоҳи борбардорӣ дар беруни кон; ғарғараи борбардорӣ, махсус барои корҳои зеризаминӣ пешбиии |
| 22 | 8430 | Мошинаҳо ва дастгоҳҳои дигар барои ҷобаҷогузорӣ, ҳамворгардонӣ, ба шакли муайян даровардан, кор карда баромадан, шиббакунӣ, зич кардан, кофта баровардан ё парма кардани хок, маъданҳои фоиданок ё мис; таҷҳизот барои зада даровардан ва баровардани пояҳо; сипори барфтозакунак ва роторӣ:<br>- мошинаҳои маъданканӣ барои истихроҷи ангишт ё ҷинсҳои кӯҳӣ ва |
| 23 | 8430 41<br>(ғайр аз | - дигар мошинҳои пармакунӣ ё нақбканӣ: |
| 24 | 8432<br>(ғайр аз 8432 29 900 0 | Мошинҳои кишоварзӣ, боғдорӣ ва хоҷагии ҷангал барои тайёр кардан ва коркарди хок; шиббаҳои ғелон барои сабзаҳо ва майдончаҳои варзишӣ: |

| | | |
|---|---|---|
| 25 | 8433<br>(ғайр аз 8433 11 8433 19 8433 90 000 0) | Мошинҳо ё дастгоҳҳо барои ҷамъ ё хирманкунии маҳсулоти кишоварзӣ, якҷоя бо фишурда ҷамъкунанда, фишурда барои борпечонӣ дар тойҳои каҳи ҷав ё хошок, каҳдарав ё алафдарав; мошинҳо барои тоза намудан, ба хелҳо ҷудокунанда ё дараҷабандии тухм, мева ё дигар маҳсулоти кишоварзӣ, ғайр аз мошинҳои мавқеи молии 8437; |
| 26 | 8434 | Дастгоҳҳо ва асбобҳои ширҷӯшӣ, таҷҳизот барои коркард ва коркарди такрории шир: |
| 27 | 8435<br>(ғайр аз | Исканҷаҳо, мошини сангмайдакунак ва таҷҳизоти монанд барои шаробпазӣ, истеҳсоли шаробати себ, шарбати мева ё нӯшокиҳои монанд: |
| 28 | 8436<br>(ғайр аз | Таҷҳизот барои соҳаи кишоварзӣ, боғдорӣ, хоҷагии ҷангал, парандапарварӣ ва занбӯриасаппарварӣ, бо шумули таҷҳизот барои сабзондани тухмӣ бо дастгоҳи механикӣ ё гармкунанда ва ғайра, инкубаторҳо барои парандапарварӣ ва брудерҳо: |
| 29 | 8437<br>(ғайр аз | Мошинҳо барои тозакунӣ, ба навъҳо ҷудо кардан ва муайян намудани андозаи тухмӣ, зироатҳои ғалладона ё зироатҳои лубиёгии хушк; таҷҳизот барои саноати ордбарорӣ ё барои коркарди зироатҳои ғалладонагӣ ё зироатҳои лӯбиёгии хушк, ғайри таҷҳизоти дар фермаҳои |
| 30 | 8438<br>(ғайр аз | Таҷҳизот барои омодасозии саноатӣ ва ё истеҳсоли маводи ғизоӣ ё нӯшокиҳо, дар дигар ҷойи ин гурӯҳ номбарнашуда ё дохилнашуда, ба ғайр аз таҷҳизот барои ҷабида гирифтан ё тайёр намудани чарбу ё равғани бухоршавандаи ҳайвонот ё растанӣ: |
| 31 | 8439 | Таҷҳизот барои истеҳсоли масолеҳ аз хамираи нахдори селлюлоза ё барои истеҳсол кардан ё ороиши коғаз ё картон: |
| 32 | 8440<br>(ғайр аз | Таҷҳизоти муқовасозӣ, аз ҷумла мошинаҳо барои дӯхта пайваст кардани блоки китобҳо: |
| 33 | 8441<br>(ғайр аз | Таҷҳизот барои истеҳсоли маснуот аз хамираи коғазӣ, коғаз ё картон, аз ҷумла, ҳамаи навъҳои мошинаҳои буранда, дигар: |
| 34 | 8443 19<br>(ғайр аз<br>8443 19 200 9 | Мошинаҳои чопӣ, барои чоп ба воситаи пластина истифодашаванда, силиндрҳо ва шакли чопии дигари мавқеи моли 8442; принтерҳои дигар, асбобҳои нусхабардорӣ ва асбобҳои факсӣ, якҷоя ё якҷоякарданашуда; қисмҳо ва лавозимоти онҳо: |
| 35 | 8444 00 | Мошинаҳо барои истеҳсол, кашидан, сохтан ва буридани масолеҳи бофандагии кимиёвӣ: |
| 36 | 8445 | Мошинҳо барои тайёр кардани наххои нассоҷӣ, калобаресӣ; мошинҳои нассоҷӣ ва тобдиҳанда, мошинҳои нассоҷии пилларесӣ ё калобакунӣ (бо шумули пуди ришта) ва мошинҳои тайёркунандаи калобаҳои нассоҷӣ барои истифодаи онҳо дар мошинҳои мавқеи молии 8446 ва 8447: |
| 37 | 8446 | Дастгоҳҳои бофандагӣ: |

| | | |
|---|---|---|
| 38 | 8447 | Мошинаҳои нассоҷӣ, бофандагию дӯзандагӣ, барои истеҳсоли риштаи калобатунсозӣ (зардӯзӣ), ҳошияи дӯзандагӣ, гулдӯзӣ, бофтани тасма ё тӯрҳо ва мошинҳои тафтингӣ |
| 39 | 8449 00 000 0 | Таҷҳизот барои истеҳсол ё коркарди намад ё намади тунуки нафис (фетра) ё маводи ғайриматоии пора ва ё буридшаванда, бо шумули таҷҳизот барои истеҳсоли кулоҳҳои намадӣ; қолабҳо барои дӯхтани |
| 40 | 8451<br>(ғайр аз<br>8451 90 000 0) | Таҷҳизот (ба ғайр аз мошинаҳои мавқеи молии 8450) барои шустан, тоза кардан, фишурдан, хушконидан, дарзмолкунӣ, исканҷакунӣ (ба шумули исканҷаҳо барои дар як ҳарорати муайян нигоҳ доштани масолеҳ), сафедкунӣ, рангуборкунӣ, пардоз, рӯйпӯшсозӣ ё ба рангубор ҷаббондани калоба, матоъ ё маснуоти тайёри нассоҷӣ ва мошинҳо барои ворид сохтани хамира ба рӯи матоъ ё дигар зерматое, ки барои истеҳсоли маҳсулоти рӯйкашсозии сакфҳо, ба мисли линолиум, истифода мешаванд; |
| 41 | 8453<br>(ғайр аз | Таҷҳизот барои тайёр кардан, ош додан ва коркарди пӯст ё чарм барои истеҳсол ё таъмири пойафзол ё маснуоти дигаре, ки аз пӯст ё чарм мебошанд, ба ғайр аз мошинҳои дӯзандагӣ: |
| 42 | 8454<br>(ғайр аз | Конвертерҳо, дӯли филизрезӣ, қолаб ва дастгоҳи филизрезии дар истеҳсолоти филизгудозӣ ва рехтагарӣ истифодашаванда: |
| 43 | 8455<br>(ғайр аз | Таҷҳизоти филизгудозӣ ва навард барои онҳо: |
| 44 | 8456 | Дастгоҳҳо барои коркарди ҳама гуна мавод ба воситаи нобуд кардани ин мавод бо ёрии нури лазорӣ ё дигар нурҳои рӯшноию фатонӣ, ҷараёнҳои ултрасадой, электроразрядӣ, электрокимиёвӣ, электронию нурӣ, ионию нурӣ ва ё плазмавию камонӣ: |
| 45 | 8457 | Марказҳои коркард, дастгоҳҳои агрегатии якшакла ва бисёршакла барои коркарди_филиз: |
| 46 | 8458 | Дастгоҳҳои харротии (аз ҷумла таҷҳизоти ҳарротии бисёрмақсад) |
| 47 | 8459 | Дастгоҳҳои филизбурӣ (бо шумули дастгоҳҳои агрегатии шакли қаторадошта) барои парма кардан, тез кардан, рандакунӣ, буридани печмехи берунӣ ё дохилӣ бо роҳи хориҷ кардани филиз, ба ғайр аз |
| 48 | 8460 | Дастгоҳҳои тарошида ҳамворкунӣ, тезкунӣ, пардоздиҳӣ, хонинговалӣ, сойишдиҳӣ, сайқалдиҳӣ ва барои иҷрои дигар амалиёти тозакунии филиз ё филизу сафол ба воситаи сангҳои ҳамворкунӣ, воситаҳои регхокандом ва сайқалкунӣ, ба ғайр аз дастгоҳҳои дандонасозӣ, суфтакории |
| 49 | 8461 | Дастгоҳҳои рандакунии дарозӣ, рандакунии арзӣ, дастгоҳҳои сӯрохкунӣ, дарозсозӣ, дандонабурӣ, дандонасуфтакунӣ ва дандонапардозӣ, буриш, арракунӣ ва дигар дастгоҳҳо барои коркарди филиз, гудохтаҳои сахт ва филизу сафолӣ тавассути нест кардани мавод дар дигар ҷой |

| | | |
|---|---|---|
| 50 | 8462 | Дастгоҳҳо (аз ҷумла, исканҷаҳо) барои коркарди филизоти қолабашон калонҳаҷм, ба воситаи кӯфтан ё қолабрезӣ кардан; дастгоҳҳо (ба шумули исканҷаҳо), қаткунанда, кӯфта қаткунанда, мустақим, порчагӣ, сӯрохкунанда ё буранда; исканҷаҳои мустаҳкаме, ки дар ҷои дигар |
| 51 | 8463 | Дастгоҳҳо барои коркарди филиз ё маводи филизу сафолӣ бе нобудсозии |
| 52 | 8464 | Дастгоҳҳо барои коркарди санг, сафол, бетон, асбосемент ё маводи маъдании монанд ё барои коркарди сарди шиша: |
| 53 | 8465 | Дастгоҳҳо (бо шумули мошинҳо барои васлкунӣ ба воситаи меххо, часпаки оҳанин, ширеш ё роҳҳои дигар) барои коркарди дарахт, пӯкак (пробка), устухон, эбонити пластмаси сахт ё чунин маводи сахт: |
| 54 | 8468<br><br>(ғайр аз | Таҷҳизот ва дастгоҳҳо барои лаҳимкории пастҳарорат ва баландҳарорат ё кафшеркорӣ, ки барои бурриш мувофиқ ё номувофиқанд, ғайр аз мошинҳо ва дастгоҳҳои мансуби борномаи 8515; мошинҳо ва дастгоҳҳо ҷиҳати коркарди гармии сатҳӣ, ки бо газ фаъолияг менамоянд: |
| 55 | 8474<br><br>(ғайр аз<br>8474 31000 0<br>8474 39 000 1<br>8474 80 1010 | Таҷҳизот барои ба навъҳо ҷудокунанда, ғалберкунӣ, ҷудо кардан, шустушӯй, майда кардан, орд кардан, омехта кардан ва омехтакунии хок, санг, маъдан ва дигар маъданҳои кофта баровардашаванда дар ҳолати сахтӣ (аз ҷумла, дар ҳолати хокамонанд ё хамирамонанд); таҷҳизот барои обёрикунонӣ, қолиб ва рехтагарӣ кардани сӯзишвории маъдании сахт, таркибҳои сафолӣ, семанти сахтнашуда, масолеҳи гаҷӣ ва ё маҳсулоти маъдании дигар дар ҳолати хокамонанд ё хамирамонанд; мошинаҳои қолибгарӣ барои тайёр кардани шакли рехтагарӣ аз қум: |
| 56 | 8475 | Мошинҳо барои пайваст кардани фурӯзонакҳои барқӣ ё электронӣ, найчаҳо ё найчаҳои электронии шуоъдор ё лампаҳои газӣ бо қолбаҳои шишагин; мошинҳо барои тайёр кардан ё коркарди ҳароратии шиша ё |
| 57 | 8477<br><br>(ғайр аз | Таҷҳизот барои коркарди резина ё пластмас ё барои истеҳсоли маҳсулот аз ин мавод, ки дар ҷои дигари гурӯҳи мазкур хотирнишон нашудааст ё дохил нагардидааст: |
| 58 | 8478<br>(ғайр аз 8478 90 | Таҷҳизот барои омода ва тайёр кардани тамоку, ки дар ҷои дигари гурӯҳи мазкур хотирнишон нашудааст ё дохил нагардидааст: |
| 59 | 8479 30 | Мошинаҳо ва дастгоҳҳои механикӣ, ки функсияи алоҳида доранд ва дар ҷои дигари гурӯҳи мазкур хотирнишон нашудаанд ё дохил нагардидааст:<br><br>- - исканҷаҳо барои тайёр кардани лавҳаҳо аз майдаи чӯб ва наххои чӯбӣ ва лавҳа аз наххои масолеҳи дигар ва дигар мошинаҳо барои коркарди |
| 60 | 8514<br><br>(ғайр аз | Қӯра ва дегҳои барқии саноатӣ ва лабораторӣ (аз ҷумла, дар асоси ҳодисаи индуксионӣ ва талафи диэлектрикӣ амалкунанда); таҷҳизоти саноатӣ ва лабораторӣ барои масолеҳи коркарди ҳароратӣ бо ёрии ҳодисаи индуксионӣ ва талафи диэлектрикӣ амалкунанда: |
| 61 | 8515<br><br>(ғайр аз<br>8515 90 000 0) | Мошинҳо ва дастгоҳҳо барои лаҳимкории барқӣ (аз ҷумла, бо гармкунии барқии газ), лазерӣ ё дигар лаҳимкориҳои равшан ё фотонӣ, ултраовозӣ, электронӣ-нурӣ, магнитӣ-импулсӣ ё плазмавию камоншакли дар ҳарорати паст, лаҳимкорӣ бо ҳарорати баланд ё кафшер, новобаста аз он, ки онҳо метавонанд амали буришро иҷро кунанд ё не, мошинҳо ва |

| | | |
|---|---|---|
| 62 | 8701<br><br>(ғайр аз<br>870120 90, | Тракторҳо (ғайр аз тракторҳои мавқеи молии 8709): |
| 63 | 8716 20 000 0 | Аробачаи бачагона ва нимпритсепҳо; дигар воситаҳои нақлиёти худгард набуда; қисмҳои онҳо:<br>- ядакҳо ва нимядакҳои худборкунанда ва худборфароранда барои |
| 64 | 8802 40 004 6 | Дастгоҳҳои парвозкунандаи дигар (масалан, чархболҳо, ҳавопаймоҳо), дастгоҳҳои кайҳонӣ (аз ҷумла ҳамсафарҳо) ва мушак-ҳомилҳои мадорӣ ва кайҳонии мушаки ҳомил:<br>--- ҳавопаймоҳои шаҳрвандии дорои зиёда аз 50 ҷойи нишасти нафар, аммо на зиёда аз 300 одам |